## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба кори диссертатсионии Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст.

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати зерин: **Ш.А.Шаропов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор (раис); аъзоён **М.А.Абдуллоева** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Ҳамробоев Н.А.** – доктори илмҳои филология, профессор дар натиҷаи таҳлил ва санҷиши кори диссертатсионии Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба чунин хулоса омад:

1. Дар шароити муосири рушди соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои милливу фарҳангӣ ва маънавӣ, хосатан, осори илмиву адабӣ ва педагогиву психологии халқи тоҷик ва мутафаккирони алоҳидаи бузурги он, аҳамият ва муҳимияти махсусро касб кардааст. Зеро омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогии халқи тоҷик ва андешаҳои гаронбаҳои таълиму тарбиявии мутафаккирони алоҳидаи бузурги он шароит ва имконият фароҳам меорад, ки дар раванди

таълиму тарбияи насли наврас хусусиятҳои миллӣ ба эътибор гирифта шавад ва дар рушди ҷомеаи муосир нақши муассир дошта бошад. Имрӯз ба тамоми ҷаҳониён аён аст, ки халқи тоҷик соҳиби фарҳанги бою қадима буда, бо мероси илмӣ, адабӣ, фалсафӣ ва фарҳангии хеш ба хазинаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст. Мутаасифона, то ба имрӯз, масъалаҳои таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ба таври бояду шояд мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб дар шароити кунунии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, адабӣ, фалсафӣ ва педагогии ниёгони бузурги халқи тоҷик дар таълиму тарбияи насли наврас нақши басо арзишмандеро бозад.

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф дуруст иброз шудааст, ки консепсияи тарбиявии Мирзо Бедил дар масъалаи нақш, мақом ва мавқеи инсон дар олам хеле муҳим аст. Ба қавли шоири ширинкалом, барпо сохтан ва пойдор нигоҳ доштани сулҳ дар ҷомеа яке аз шартҳои муҳимми ташаккули инсони комил ба ҳисоб меравад. Афкори Мирзо Бедил, на танҳо афкори педагогии халқи тоҷик, балки фарҳанги тамоми мардуми Шарқро дар бар мегирад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Қурбонов Фатҳиддин Холбоевич дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз махсуб будани он далолат медиҳад.

2. Омузиш ва таҳлили диссертатсияи Қурбонов Ф.Х. маълум намуд, ки муаллифи рисола дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил, мақом ва нақши онҳо дар ташаккул ва рушди инсони комил ва роҳу равиши татбиқи онҳо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода, алоқамандии ақидаҳои таълиму тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил бо таҷрибаи муосири илми педагогикаю психология ва коркарди роҳу

равиши рушди такомули фазилатҳои беҳтарин ва сифатҳои неки ахлоқи инсонии насли наврас ошкор ва муайян кардааст, инчунин, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои тарбияи ахлоқии инсони комилро дар асоси осори педагогӣ ва психологии Мирзо Абдулқодири Бедил дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст.

3. Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф ба даст оварда шудааст, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, алалхусус, андешаҳои тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди тарбияи инсони комил, ба вежа ташаккул ва рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврасии муосир заминаҳои мусоид фароҳам меоранд. Инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомузии омӯзгорон мавриди истифода қарор гирад.

4. Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

5. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик” ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – “Назария ва консепсияи таълим” (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар

даврахои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мутобиқ аст.

6. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 12 адад, пурра инъикос мекунанд, ки 10 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34-ми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

7. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" баррасӣ гашта, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", раёсати маорифи вилояти Хатлон, шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд.

8. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

9. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровარда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шурои диссертатсионӣ"-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар мавзуи "Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор;
2. **Олимов Тагайбек Шодиевич** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3) Ба ҳайси **муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара тавсия карда мешавад.**

4). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Б.Ғафуров” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдуллоева М.А.

доктори илмҳои филология, профессор Ҳамробоев Н.А.

**“Имзои Ш.А.Шаропов, М.А. Абдуллоева ва Н.А.Ҳамробоевро тасдиқ менамоям”.**

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

04.04.2024с.